**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) – Душанбе, 2025. – 178 с.**

Боиси хушнудист, ки бо гузашти замон таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҷавон ба таҳқиқу арзёбии густурдаи корномаи шоирон афзун мегардад. Ба ин маънӣ, ки зимни баррасии мероси адабии адибон дар радифи осори ҳунариашон андешаҳои завқиву назарӣ ва афкору ақидаҳои гузидаашон мавриди омӯзиши муҳаққиқона қарор мегирад. Намунаи чунин коре диссертатсияи Шодиева Ф.Т. маҳсуб мешавад. Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи корномаи яке аз чеҳраҳои маъруфтарини адабиёти муосири Эрон Аҳмади Шомлу бахшида шудааст. Номбурда дар адабиётшиносии ҷаҳон ҳамчун бунёнгузори «шеъри сафед»- и форсӣ шинохта шудааст. Бояд донист, ки фаъолияти ӯ танҳо бо шоирӣ хулоса намешавад. Дар ҷомеаи адабии Эрон номбурдаро ҳамчун рӯзноманигору сиёсатшинос, назарияпардоз ва фарҳангнавис мешиносанд, ки ин ҳама бахше аз фаъолияти пурҷанбаи ӯст.

Аҳмади Шомлу дар радифи он чи зикр шуд, гузингӯяҳои зиёде дорад, ки дар ин таҳқиқ такя рӯи онҳо сурат гирифтааст. Диссертант шолудаи кори хешро ба ин қарор мураттаб сохтааст. Нахуст ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаи таҳқиқро муайян намуда, ба тоза будани мавзуи гузингӯяҳо дар адабиётшиносии тоҷик ишорат варзидааст. Аз ин рӯ, баррасии мавзуии онҳо бо шумори ин ки бахши умдаашон ба адабиёту масоили адабӣ пайванд доранд, дархӯри аҳаммиятанд.

Мавзуъ аз зумраи масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) комилан **мувофиқат менамояд.**

Аз ҷумла **аҳаммияти мавзуи** диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар пайванд бо шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон А. Шомлу бисёр муҳиму арзишманд аст, зеро нақши худи шоир дар бунёду такомули шеъри сапеди Эрон, эҷоду густариши доираи мавзуи гузингӯяҳои адабӣ чашмгир аст. Маводе, ки зимни таҳқиқу омӯзиш ба даст омада, имкон медиҳад, ҷанбаҳои назарии масоили марбут ба шеъри нав ва

гузингӯяҳои адабиро таҳким бахшида, чаҳорчӯби таҳқиқ ва шеваҳои баррасии гузингӯяҳои адабиро дар адабиётшиносии тоҷик дар оянда мукаммал гардонад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии муосири тоҷик бахши камшинохташудаи осори А. Шомлу, гузингӯяҳои шоир мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Диссертант ба маънои истилоҳии гузингӯяҳо таваҷҷуҳ карда, таъкид менамояд, ки гузингӯяҳо аслан калимаҳои қисор, ҷумлаҳои кӯтоҳе мебошад, ки атрофи масоили мухталифи конуни зиндагии инсонӣ, гуфта мешаванд. Гузингӯяҳоро дар ҳар забоне бо мафҳумҳои мухталиф ном мебаранд.

Далели дигаре, ки метавонад нишонгари навгонии таҳқиқ бошад, ин аст, ки бори аввал аз ҷониби диссертант ҷараёни шаклгирии шахсияти адабии А. Шомлу дар пайванд бо муҳити адабии замонааш мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои умумии адабиёти муосири форсӣ ва тоҷик, масоили марбут ба накду накднависӣ, ҷараёнҳои тозаи шеъри муосир, адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна аз муқаддима, се боб, чордаҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ,

саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносиву эроншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори Аҳмади Шомлу аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Авзои сиёсӣ-иҷтимоии Эрон дар солҳои чилуми асри XX» унвон дошта, фарогири чаҳор зерфасл аст. Таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ аз он ҷиҳат қобили аҳаммият аст, ки шаклгирии шахсияти адабии Шомлу маҳз аз ҳамин даҳа шуруъ шуда. Даҳае, ки дар раванди таърихи умумии Эрон низ ҷойгоҳи хосеро дорад. Ба андешаи унвонҷӯ маҳз дар ҳамин даҳа сатҳи фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа тайир мекунад, дар зеҳнияту шинохти ҷомеаи адабӣ пешрафтҳои назаррасе сурат мегирад. Гузашта аз ин дар ин даҳа нашрияҳои зиёди адабӣ таъсис мегарданд, ки ҳар яке дар камолу пешрафти адабиёт, махсусан, шеъри нав, муаррифии фарҳангу адабиёти олам, масоили тарҷумаву тарҷумагарӣ нақши корсоз ифо менамоянд. Диссертант бо шумули ин ки дар даҳаи мазкур шеъри муосири форсӣ дучори тайироти шигарф шуда, зербоби чорумро ба таҳлилу арзёбии ҷараёнҳои шеърӣ дар ин замон ихтсисос дода. Зимни таҳлили ҳар ҷараёне ба сифати мисол намояндаи ҷараён ва намунаи ашъораш оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Зиндагинома ва мероси Аҳмади Шомлу**» ном дорад. Диссертант бо шумори ин ки дар тули замон перомуни шарҳи ҳоли шоир маводи зиёде мунташир шудааст, дар се зербоби боби мазкур ба таври мухтасар ба муҳимтарин санаҳои зиндагиномаи шоир ишорат намуда, ба ҳар маҷмуаи адиб шарҳи мухтасар додааст. Ҳамчунин таълифотеро, ки ба таҳқиқи осори шоир мансубанд, таҳлилу арзёбӣ кардааст.

Дар зербоби чорум бошад, девони шоир аз нигоҳи анвои шеърӣ баррасӣ гардидааст. Зикр шуда, ки аксари шоирони муосир ҳам дар заминаи суннат ва ҳам шеъри нимоӣ шеър офаридаанд. Дар имтидоди замон гурӯҳе аз суннат канор рафта бештар шеъри сафед, ки фоқиди вазну қофия аст, сурудаанд, ки дар ин росто Аҳмади Шомлу мустасно нест.

Унвонҷӯ шеърҳои Аҳмади Шомлуро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст. Шеърҳои суннатӣ, нимсуннатӣ ва шеъри мансур ё сапед, ки яке аз бунёнгузоронаш худи шоир аст. Ӯ зимни офариниш аз табиитарин ва муносибтарин сохтор барои шеъраш истифода намудааст. Шеъри ӯ аз мусиқии хосу оҳанги вижае бархӯрдор аст, вале дар ин мусиқӣ арӯзи суннатӣ нест, гузашта аз ин бо намунаҳои кори Нимо низ яксон нест.

**«Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу»** унвони **боби сеюм** ё боби асосии диссертатсия аст. Диссертант аввалан ба шарҳу тавзеҳи мафҳум ва маънии истилоҳии гузингӯя пардохта, қайд намудааст, ки гузингӯяҳо ҳосили таҷрибаҳо, мушоҳидаҳои амиқи як шоир, як ҳунармананд, ки дар имтидоди замон ба таври хулоса ва муъҷаз дар зеҳни шоир шакл мегиранд ва нигошта мешаванд.

Дар идома гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу аз нигоҳи мавзуъ таҳлилу арзёбӣ шудааст. Ҳарчанд теъдоди гузингӯяҳо зиёданд, вале унвонҷӯ ба шаш мавзуъ, ки бештар мавриди диққати шоир буда, таъкид намудааст. Аз ҷумла, гузингӯяҳои перомуни зиндагиву равшанфикрон ва нақши онҳо дар ҷомеа. Дар ин миён хотирнишон гардида, ки гузингӯяҳои шоир, ки ба мавзуи шеър ва анвои он ихтисос доранд, бештар қиммати бадеӣ доранд. Аксари гузингӯяҳои шоир ба шеъри сафеду аносири созандаи он иртибот мегирад. Замоне, ки Шомлу ва насли ӯ даст ба ибдоъу навпардозӣ заданд, ки ҳама шеъри навро қабул доштанд. Ин буд, ки А. Шомлу дар муқобили мухолифони шеър ҷабҳа гирифта буд ва дар мақолоташ аз ин падидаи тоза ҳимоят менамуд. Ӯ дар бораи шеъри сапед чунин назар дорад: «Шеъри сапед аз вазну қофия, аз ороишу пироиш-эҳсоси бениёзӣ шояд накунад, аз он маҳрум аст ва шояд битавон аз он маҳрум намонад, лекин тазоҳур ба бениёзӣ мекунад. Шеъри сапед шояд рақсе аст, ки ба мусиқӣ эҳсоси ниёз намекунад. Дар ҳақиқат шеъри сапед шеъре аст, ки намехоҳад ба сурати шеър дарояд [Диссерт. саҳ. 121].

Масъалаи дигаре, ки миёни андешаҳои шоир дар робита ба шеъри озод ҷалби назар менамояд, мавзуи қофия дар шеъри озод аст. Ба қавли шоир дар шеъри озод қофия ба таври маҷбурӣ ё бо хоҳиши шоир оварда намешавад, балки сиришти шеър гоҳо зояндаи қофия аст.

Шоир дар гузингӯяи дигаре таъкид менамояд, ки он чи барои шеър заруру муҳтарам аст, нерӯи ангезаҳои он мебошад. Шеър набояд баёни субъективӣ бошад.

Омӯзишу мурури мӯшикофонаи гузингӯяҳои А. Шомлу касро ба ин натиҷа мерасонад, ки гӯё ӯ ҳамеша муроқибу назорагари шеър аст. Ба он аз паҳлуҳои мухталиф нигоҳ мекунад, афкору аносири созандаашро таъйин месозад, барои ҳар яке нақшу арзише қоил мешавад.

**Зербоби дуюми** боби мазкур ба таҳлилу арзёбии **гузингӯяҳо перомуни шоир, ҳунар ва мафҳумҳои марбут ба онҳо** ихтисос дорад. Омӯзиши ин мавзуъ нишонгари он аст, ки А. Шомлу ба шоир нигоҳи ҳамагир меафканад. Вобаста ба мавқеияташ, ҷаҳоннигариаш, рисолаташ, ҷойгоҳаш, сатҳи коройиву кифояташ ба шоир арзиш қоил мешавад.

Дар яке аз гузингӯяҳо Шомлу ба пайванди амиқу печидаи шоиру замон таъкид меварзад ва бар ин бовар аст, ки наққошу мусиқидон низ дар зоти худ шоиранд. Ман мегӯяд Шомлу «мехоҳам ҳамаи инҳоро дар калимаи шоир хулоса кунам» [Диссерт. саҳ. 139].

Масъалаи дигаре, ки унвонҷӯ миёни гузингӯяҳо ба он эътибор додааст, мавзуи накду мунаккид аст. Таҳқиқ унвонҷуро ба ин натиҷа оварда, ки Шомлу ба ин мавзуъ тамоми умр такявар буда. Аз нигоҳи ӯ назари як ноқид дар шинохти ҳусну қубҳи як асар, шахсияти адибу камоли эҷодии вай бисёр арзишманд аст. Гоҳо ёфтаҳои як мунаққид дар матни як асар имкон медиҳад то холиқи асар ба аносире пай барад, ки аз вуҷуди онҳо дар нигоштаи хеш огаҳӣ надошта буд.

Дар **зербоби чаҳорум мавзуи калима ва нақши он дар гузингӯяҳо** таҳқиқ шудааст. Мурури омӯзиши андешаҳои шоир атрофи калима, муҳаққиқро ба ин натиҷа расонида, ки мазкур дар тӯли фаъолияти эҷодӣ ҳамвора мавзуи мавриди назарро баррасӣ намуда, перомунаш фикру андеша намуда ва ёфтаҳояшро дар ин маврид дар қолаби гузингӯяҳо ба гунаҳои мухталиф ҷойгузин кардааст.

Таҷаммуи вожагон дар матни шеър падидаи шигифтангезест, ки А. Шомлу онро дар гузингӯяҳояш «муъҷизаи ҳаёт» мехонад [Диссерт. саҳ. 155].

«**Навиштан ва нависанда аз диди шоир бар асоси гузингӯяҳо**» унвони зербоби дигарест, ки ба таҳлили дидгоҳҳои завқии шоир бахшида шудааст. Ба навиштаи унвонҷӯ гузингӯяҳои мавриди назар зиёд нестанд, вале хулосаи ҷомеъи андешаи А. Шомлуро бозтоб медиҳанд.

**Унвонҷӯ таъкид намуда, ки** гузингӯяҳои шоир фарогири мавзуъҳои мухталиф ҳастанд, вале ӯ ба гузингӯяҳои марбут ба адабиёт такявар будааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 16 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар рисола перомуни навъҳои шеъри шоир сухан рафта, аз истилоҳоте мисли суннативу ниммсуннатӣ, шеъри сафеду шеъри мансур зикри ном шудааст. Ба назари мо, замоне, ки масъалаи таснифи анвои шеъри нав дар миён аст, лозим аст, ба истилоҳоти дигар мисли шеъри нимоӣ, шеъри озод ва арузи озод ишорати кӯтоҳ намуд, то мавзуъ равшану возеҳ гардад.

2. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар радифи муҳаққиқони хориҷӣ лозим аст, ба корҳои мушаххаси муҳаққиқони тоҷик, ки ба шеъри нав ва намояндагони машҳури он ихтисос доранд, ишорат намуд.

3. Дар диссертатсия шарҳи истилоҳии гузингӯя ва муодили он дар дигар забонҳо оварда шудааст, ки ин дуруст аст, вале ба фикри мо бояд дар атрофи он тааммули бештаре сурат бигирад, зеро гузингӯя ба таври комил ба афоризму ситата мутобиқати комил надорад.

4. Дар унвони сеюми боб ибораи андешаҳои завқӣ-назарии А. Шомлу шарҳу баёни иловагӣ мехоҳад.

5. Дар диссертатсия, дар қисмати пешинаи таҳқиқ қайд шуда, ки У.М. Додошева аз нахустин муҳаққиқони корномаи шоир аст, ки соли 1975 перомуни шеъру масири зиндагии шоир рисолаи номзадӣ навишта. Ба фикри мо хуб буд, маълумот перомуни он васеътар бояд бошад, то маълум гардад, ки чи тафовутҳои боризе миёни ин ду кор аст.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти

кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон Амирқулов Нуриддин Амирқулович
«30» апрели соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Р.Набиев, бинои 51, ҳуҷраи 24
Тел.: (+992) 919-53-40-01
E-mail: amiri51@mail.ru

Имзои Амирқулов Н.А.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳматулло Нусратулло

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3.
Телефон: (+992-37) 234-59-73; факс: 234-79-90.
E-mail: rektorat-tut@mail.ru
«30» апрели соли 2025.